ҲОҶӢ АМРУЛЛОҲИ
МУШТОҚ

# ҶОДАИ
# БАХТ

Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-67

Муҳаррир
*Амиршоҳи Хатлонӣ*

**Ҳоҷӣ Амруллоҳи Муштоқ. Ҷодаи бахт.** (шеърҳо).
– Душанбе, «Адиб», 2010, 88 саҳ.

ISBN 978-99947-2-004-0

© Ҳоҷӣ Амруллоҳи Муштоқ, 2010

## САМОИ ДИЛ

Мерасад бар ёди ман оҳанги гуфтугӯи ту,
Дил ҳамеша дар талошу дар суроғи рӯи ту,

Роҳи манро гар бубастӣ ту намедонам чаро?
Меравам ман ҳар замон бо роҳи печон сӯи ту.

Чун ситора гар бигирӣ дар самои дил макон,
Ман мунаҷҷимвор оям рӯзу шаб бар кӯи ту.

Ҳамчу Маҷнун мезанам худро ба ҳар кӯҳу дара,
То бубинам як даме ман қомати дилҷӯи ту.

Мактаби ишқи ту меомӯхт панду ҳикматам,
Эй ки хондам ҳарфи меҳр аз дафтари абрӯи ту.

Кай, Бунафша, мерасӣ бар қадри ин Муштоқи хеш,
Зуд о, ки медамад испедаҳо дар мӯи ту.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, ҷони ман, эй кишвари зебои ман,
Рӯи регу санги ту гулҳо шукуфон чун чаман.
Чашмаҳоят нуқрафому дашту саҳроят базеб,
Дилрабо домони кӯҳу сабзазорат, эй ватан.

Хониши кабки дарию булбулонат ҳар саҳар
Мерасад бар гӯши кас аз қуллаи кӯҳу камар.
Шоирон бар васфи ту садҳо ғазалҳо гуфтаанд,
Ман нависам достон дар дафтари аҳли башар.

З-он ки ваҳдат, парчами осудагӣ дорад ҷило,
Нест андар мулки мо марди ғарибу бенаво.
Ваҳдатобод аст ин хоки куҳан, Муштоқ, дон,
Сулҳ бошад бар дили ҳар дардманде чун даво.

## ЛОЛАҲО

Лолаҳо дар ёлаҳои сарбаланд,
Пурҷило чун дилбарони дилписанд.

Баҳраёбанд аз шуои офтоб,
Накҳатафшон даста-даста, банд-банд.

Ҳар баҳор аз файзи кайҳон ин замин
Сабз гардад чун қабои нозанин.

Ранг-рангу гулбасар ҳар як ниҳол
Гулбадомон чун арӯси маҳҷабин.

Лолаҳо дар ёлаҳои сарбаланд,
Пурҷило чун дилбарони дилписанд.

## НОМАИ МЕҲР

Сабз андар сабзиҳо ранги чаман,
Кӯҳсорон ҷомаи сангӣ ба тан.
Қуллаҳои сарбаланди сарсафед,
Ҳамчу рамзи парчами нанги Ватан.

Ҳарфи меҳрат аз Ватан во кардаӣ,
Нанги фарзандӣ ба дил ҷо кардаӣ.
То шавад машҳури олам ин Ватан,
Оламе дар хеш пайдо кардаӣ.

Нахли ҳақ шуд, соябоне бар сарат,
Хизри бахт омад кунун пеши дарат.
Худгудозӣ мекунӣ баҳри диёр,
Халқи олам гашта ин дам ёварат.

Зиндагонӣ имтиҳонат кардааст,
Меҳри худ пайванди ҷонат кардааст.
То шавӣ огаҳ зи асрори замон,
Гаҳ ғарибе дар ҷаҳонат кардааст.

Пухтакориҳо ҳама аз хом шуд,
Ҳосили заҳмат асал бар ком шуд.
Ҳарчӣ гуфтам ин ҳама бо амри дил,
Байтҳоям ҷавшани андом шуд.

## НЕКНОМ

Ҳаст он дар ёди кишвар ҷовидон,
Дар самояш ҳамчу ахтар ҷовидон.
Мекунад таърих кору номи нек
Сабт дар худ бо хати зар ҷовидон.

Ӯ ба мардӣ сангари сангин шикаст,
Дар саманди шӯҳрати олам нишаст.
То бирӯяд донаи сабзи умед,
Бар рухи ҳар майса чун шабнам нишаст.

Ҳосили ганҷат зиёд андар замин,
Халқ хондат аҳсану сад офарин.
Шӯҳрататро мешавад оинадор
Сар ба гардун қуллаҳои нуқрагин.

## ИМШАБ

Туӣ дар шаҳри дил меҳмонам имшаб,
Фурӯзам шамъи ишқ аз ҷонам имшаб.

Ба ёди ҳар нигоҳи дилфиребат
Бигӯям ҳасрату армонам имшаб.

Манам маҷрӯҳи саҳрои фироқат,
Ба васли худ бикун дармонам имшаб.

Манам дар маҳбаси сангини зулмат,
Ба озодӣ бидеҳ фармонам имшаб.

Ду дида интизорат субҳу шом аст,
Намо равшан дили пазмонам имшаб.

Биё, Муштоқ бошад интизорат,
Ба роҳат во дари чашмонам имшаб.

## ХИРАДПАРВАР

Ба бахти ин Ватан марди накӯкор,
Намуда во гиреҳ аз банди асрор.

Ватанро ӯ раҳонид аз ғаму дард,
Шукуфта лолаҳо бар ёлаи зард.

Саропои вуҷудаш олами нанг,
Дарида қалби кӯҳу синаи санг.

Басо пул баставу нақби фузун канд,
Раҳи бубридаро ӯ кард пайванд.

Ба Эрону ба Чину мулки Афғон
Кушода ҷодаҳои бахту армон.

Ба ёди рӯзи неки халқу кишвар
Бигашт ӯ рӯи оламро саросар.

Сафарҳо бобарору боҳарорат,
Сиёсатпешае бас бомаҳорат.

Ҳазорон дӯстонро гирд овард,
Ҳамеша баст паймонро ҷаҳонмард.

Сиёсатогаҳу ҳушёру доно,
Хирадманду дилогоҳу тавоно.

Бафарҳангу бапаймону баимон,
Саходасту ҳаме бохайру эҳсон.

Ба ғамдору ятиму бепарастор
Кушода хони эҳсонро падарвор.

Шукуфон боғи армони ниёгон
Зи файзу аз шукӯҳи мулки Раҳмон.

Ба ақсои ҷаҳон шуд эҳтиромаш,
Ҳамеша покии дунё маромаш.

Аз ин рӯ қуввати барқаш зи об аст,
Зи рӯди Вахшу Панҷи бошитоб аст.

Табиатро намесозад халалдор
Зи дуди боруту заҳри хатарбор.

Заминаш гулфишон асту пур аз гул,
Ба гӯши олам аст овои булбул.

Парафшон парчами сулҳи хирадманд.
Ба ҷамъи кинаварзон медиҳад панд.

Шакар мерезад аз панду каломаш,
Ба Қуръони Шариф аст эҳтиромаш.

Худовандо, нигаҳ дораш ба олам,
Набинад ҳеҷ гаҳ ӯ ғуссаву ғам.

Чу Муштоқ ин сухан пайваста гӯяд,
Илоҳо, хори кин асло нарӯяд!

## В А Т А Н

Ту ҳастиям, ту даргоҳи умедам,
Туӣ осоишам, бахти сафедам.
Ҳама оғозу анҷоми манӣ ту,
Ба тори нурафшони ту шедам.

Даме созам агар аз ту ҷудоӣ,
Наёбам ман зи банди ғам раҳоӣ.
Мани саргашта нолам дар фироқат,
Биҷӯям гарди хокат бо гадоӣ.

Ватан, хору хасат ороми ҷон аст,
Миёни регу санги ту макон аст.
Нагаштам бар дари бегонае ман,
Бароям бас, зи аҷдодам нишон аст.

## ТИФЛИ ШОДӢ

Чӣ донад тифли шодиям,
Дар ин дунёи ғамобод.
Қалам аз баҳри тасвире
Сари худ медиҳад барбод.

Чӣ донад тифли шодиям,
Дар ин дунёи ғамобод,
Зи баҳри ишқи ширинаш
Канад ҷӯ то кунун Фарҳод.

Чӣ донад тифли шодиям,
Дар ин дунёи ғамобод,
Касеро даст агар гирӣ,
Худо созад ба ту имдод.

Чӣ бинад тифли шодиям,
Дар ин дунёи ғамобод,
Чу бинад кори бадхӯро,
Зи мағзи ҷон кашад фарёд.

Бубин, эй тифли шодиям,
Салоҳи мулки тоҷикон,
Зи нав боз аҳди Сомонӣ
Ба ҳам пайваста наздикон.

## ҚИСМАТ

Ғарибам ман дар ин дунёи фонӣ,
Надорам ман ба ғайрат раҳнамое,
Набошам дар ҷаҳон ҷовидонӣ,
Ба ҳукмат меравам аз ҷо ба ҷое.

Барад қисмат якеро сӯи мастӣ,
Зихудрафта намеояд ба худ боз,
Манам як мурғи болупаршикаста,
Надорад паршикаста майли парвоз.

Ҳама одам, вале қисмат дигаргун,
Яке ояд, дигар дорад тараддуд,
Гаҳе хандон лабу гоҳе ҷигархун,
Набахшад меҳри дунёӣ ба кас суд.

Ватан, эй дони саҳрои муҳаббат,
Туро дар хоки дил парвардаам ман.
Бидодам обат аз рӯди садоқат,
Барои ту ҷигар хун кардаам ман.

Гулу хорат кунам чун тоҷ бар сар,
Ба чашми ман наметобад хазонрез
Зимистону баҳорат файзи кишвар,
Ду фасли дигаре дорӣ шакархез.

Фараҳ бахшад ба кас ҳар боғу гулзор,
Давобахши ҳазорон дарди одам.
Ба васфи чашмаҳоят қисса бисёр,
Бурун орад зи дилҳо ғуссаву ғам.

Ҷилои лаъли ту дар Ҳинду Чин аст,
Нишони ганҷу дорой ба дунё.
Нигине гӯӣ бар ангуштарин аст,
Бигӯяд қиссаатро аҳли дунё.

## ГАНҶИ ДУНЁ

Зиндагонӣ дар Ватан дорам ҳавас,
Ганҷи дунё баҳри ман ин асту бас.

Бо хаёли парфишонӣ дар чаман
Мурғи саҳро нола дорад дар қафас.

Шукр гӯям, ман нагаштам дар ба дар,
Тоҷи ғурбат хуш намеояд ба кас.

Гирдбоди сахт агар сӯям вазад,
Ман сабукборӣ намесозам чу хас.

Ҳамчу Муштоқи диёри орзу
Бо ту ҳастам, бо ту бошам ҳар нафас.

## Ш У К Р

Андар ин даҳри куҳан гар чун ғариб афтодаем,
Мо зи васлу асли худ гаҳ беносиб афтодаем.

Гарди кин пайваста дорад майл бар домони мо,
Эй фалак, бар якдигар мо чун рақиб афтодаем.

Баҳри мо номеҳрубониҳо фузун омад аз он,
Лоғару бишкаста бар ғамҳо қариб афтодаем.

Раҳми ҳақ бар миллати дилхастаам омад кунун,
Гарчи беморем, дар пеши табиб афтодаем.

Шукри ҳақ Муштоқ кун, аз асри нав хушҳол бош,
З-он ки дар асри навин мо бо ҳабиб афтодаем.

## ОЛАМИ НАНГ

Хоби ноз аз дидаҳо дорад сафар,
Бо хаёле мекунӣ шабро саҳар.
Рафта аз ёдат дами осудагӣ,
То шикастеро расонӣ бар зафар.

Дар миёни киштаҳои беканор
Марди заҳмат аз ту дорад ифтихор.
Ҳамдаму дасти саховат дидааст,
Зарфишонӣ мекунад баҳри диёр.

Регу сангу обу хоки ин Ватан,
Сабзаву себаргаҳову ёсуман.
Ҳамдилу аз дарди қалбаш гӯиё
Лаб кушода бар ту мегӯяд сухан.

Марди оқил, аз ҳама дорӣ хабар,
Аз бадон бо нек меоӣ зи дар.
Бо фитода ҳамнишину ҳамдамӣ,
Меҳрубонӣ бар ятимон чун падар.

Ҳар нафас андар хаёлат меҳан аст,
Нангу номусат ба тан чун ҷавшан аст.
Тутиё хоки Ватан бошад туро,
Хорзораш баҳри ту чун гулшан аст.

Дар паноҳи худ гирифта кирдгор,
Осмони бахт дур аст аз ғубор.
Гашта гулгун шаҳру деҳа дам ба дам,
Аз ту дорад халқ доим ифтихор.

## ПАРВОЗИ ХАЁЛ

Хамӯшӣ пешаи ман нест, эй ҷон,
Сухан дар сина дорад оҳу афғон.

Пайи маънии нав роҳе кушоям,
Зи мазнун зина созам сӯи кайҳон.

Ба васфи булбулон бас нола кардам,
Ки дар боғи адаб гул монда ҳайрон.

Сияҳчашми арабро зинда кардам,
Ба ҷомаш додаам аз оби ҳайвон.

Чу Муштоқам ба тан зебо қабо кард,
Ҳанӯзам хирқапӯши роҳи армон.

Маро мурғи хаёлам сайди худ кард,
Ба дом афтода дар худ меканад ҷон.

## ДИЛОБОД

Ба ҳар ҷое ту бошӣ, ёди ман кун,
Давои ин дили ношоди ман кун.

Бикун раҳме, ки мурдам дар фироқат,
Мададхоҳам биё, имдоди ман кун.

Надорам тоқати дарди ҷудоӣ,
Аё фарёдрас, фарёди ман кун.

Агар қисмат зи ту дурам бисозад,
Тараннум зери лаб эҷоди ман кун.

Дили ман кулбаи сӯзу ғамат шуд,
Раҳо аз банди ғам бунёди ман кун.

Шуд аз бори ғам охир қоматам хам,
Ту ёде аз қади шамшоди ман кун.

Ҳама доройям ганҷи муҳаббат,
Гузар боре зи дилободи ман кун.

Манам Муштоқи мактабхонаи ишқ,
Назар бар дафтари устоди ман кун.

## АШКИ ҒАМ

Дар самои ишқи ту, дил ёди ҳиҷрон мекунад,
Абри дида ашки ғамро резаборон мекунад,

То бирӯяд сабзаи хушнакҳате андар дилам,
Анбаристони хаёлам аҳду паймон мекунад.

Киштазорони муҳаббат сабзу хуррам доиман,
Донаи уммеди ман дар хирман армон мекунад.

Аз фиреби киштгардонии ишқ андар замин
Ин сафар Муштоқ азми сайри кайҳон мекунад.

## ДУБАЙТИҲО

Дареғи умри он, ки бесамар буд,
Аз ин дунёи рангин бехабар буд.
Надорад он, ки нақше андар ин даҳр,
Чу лавҳи пурхато дур аз назар буд.

Туро ҳар як нафас андар ҳисоб аст,
Амал гар нек бошад, дар китоб аст.
Бидон, ки ҳар нафас бошад ғанимат,
Чу боде умри одам дар шитоб аст.

Ба чашми дил ба сӯям як нигаҳ кун,
Зи рашки киначӯ ишқам панаҳ кун.
Ду чашмони базебат дилфиребанд,
Муроди тифли қалбамро ба раҳ кун.

Шабу рӯзе, ки меояд пайи ҳам,
Зи умри мо шавад ҳар соате кам.
Чуноне зӣ, ки бори зиндагонӣ
Нагардонад ниҳоли қоматат хам.

Забонам мешавад гаҳ душмани ман,
Ҳазорон захм монад бар тани ман,
Набошад гар даво заҳри суханро,
Бихезад наҳсие аз домани ман.

Само гаҳ беғубору гаҳ багард аст,
Вуҷуди ин ҷаҳон гаҳ гарму сард аст.
Набошад якмаромиҳо дар ин даҳр,
Гаҳе бедарду гоҳе пур зи дард аст.

Рақиби мову ту як ном дорад,
Ба қасди мо ҳамеша дом дорад.
«Ҳасад» номида ӯро аҳли дунё,
Нигаҳ бар пухтаву бар хом дорад.

## НИДОИ ГУЛ

Сар бурун кардам барои зиндагӣ,
Бо ҳазорон ранги дилкаш баҳратон,
То диҳам ман накҳате бар бандагӣ,
Сабзу хуррам гашта аз ман шаҳратон,

Дилбаронро раҳнамоӣ мекунам,
Пайки аввал мебарам ҷои сухан.
Ман ки рамзам, худнамоӣ мекунам,
Рози худро ҳар ки меҷӯяд зи ман.

Ман тароватбахши рӯҳи одамам,
Анбаристон мекунам ғамхонаро.
Як нишони навбаҳори оламам,
Накҳатафшонӣ кунам кошонаро.

Гаштаам баҳрат агар ман ҷонфидо,
Хотири шодат маро афсурда кард.
Эй намедонӣ, маро кардӣ ҷудо,
Ин амал охир маро ҳам мурда кард.

## ЁРИ МАН

Кай шавӣ, эй ёри ман, меҳмони ман,
Ҷои ту бар дидаву чашмони ман.

Хони дил ишқ аст, агар пешат барам,
Васли ту чун тӯҳфаи армони ман.

Ман ба дунёи ҳавас дорам сафар,
Орзу сарпеч аз фармони ман.

Мардуми чашму дилам дар роҳи ту,
Оби дида бар сари мижгони ман.

То ба кай печам ба ёди ту ба худ?
Укда дорад риштаи афғони ман.

Гар биёӣ ту, зи худ берун шавам,
Гул кунад аҳди туву паймони ман.

Эй биё, Муштоқ, ин даҳри дудар
Интизори мову ту, эй ҷони ман.

## БАҲОР АСТУ БИЁ, БЕ ҒАМ НИШИНЕМ

Талаб дорам, бигирам бӯсаи лаб,
Туро хонам, туро бар хонаи шаб,
Бигӯям то саҳар асрори дилро,
Маро, ҷонам, бубар бар сӯи матлаб.

Баҳор асту биё, бе ғам нишинем,
Зи рӯи якдигар гулҳо бичинем,
Чу мӯии бофта гулҳои печон,
Хазон ояд агар, бо ҳам бубинем.

Замона карда дунёро дигаргун,
Ҳама ғамҳо бувад аз дасти гардун,
Намедонам ба кӣ додам бигӯям,
Яке ошуфтаву дигар ҷигархун.

Фузун созад нафас ғамро паёпай,
Зи боди ғам барояд нолаи най,
Ҳамеша дарди ӯ дарди фироқ аст,
Кӣ медонад, ба мақсад мерасад кай.

Биё, ки умри мо ҳамчун баҳор аст,
Ғанимат лаҳзаи бӯсу канор аст.
Ало ёрам, ба додам мерасӣ кай,
Ба ҷуз ёдат маро дигар чӣ кор аст?!

Макун афсун, куҷо ман ром гардам,
Наям мурғе, ки банди дом гардам,
Ҳазорон бор агар ҷоду бисозӣ,
Бидон, ки пухтаам, кай хом гардам.

Ало ёрам, маро ту хаста кардӣ,
Ба ишқи поки худ побаста кардӣ,
Бирафтию мани танҳо бимондам,
Намедонам, ба кӣ вобаста кардӣ.

Шабе танҳо нишастам то саҳар ман,
Зи ғамҳоят шудам хуни ҷигар ман,
Нахобидам чу булбул то саҳаргоҳ,
Кашидам кулфати дунё ба сар ман.

Бигӯ, эй гул, чаро ту кина дорӣ,
Ғами дунё ҳама дар сина дорӣ?
Зи хуни ман шуда дасти ту рангин,
Чаро ин лаҳза майли ҳина дорӣ?

## ШОҲРОҲИ ВАҲДАТ

Дар шабони тори мардум роҳнамоӣ мекунад,
Дар дами беошноӣ ошноӣ мекунад.
Марди майдон баҳри халқаш раҳнамоӣ мекунад,
Ба ҷаҳони дури бахташ раҳкушоӣ мекунад.

Роҳи Ваҳдат, шоҳроҳи бахти мо, роҳи сафар,
Роҳи Ваҳдат, роҳи миллат, роҳи дилҳои башар.
Халқи олам бо Раҳи абрешим ояд сӯи мо,
Тору пуди кандаро бо ҳам бубандем аз дигар.

Халқи дилогоҳи ман як мақсади дерина дошт,
Рафтуо бо дуриҳои қисмати пешина дошт.
То бубинад ин Ватан гул-гул шукуфта гӯиё,
Давлати Раҳмонии худро чу ҷон дар сина дошт.

Роҳи Ваҳдат, шоҳроҳи бахти мо, роҳи сафар,
Роҳи Ваҳдат, роҳи миллат, роҳи дилҳои башар.

## ҲАСАД

Ҳасад бурдан нишон аз бухлу кин аст,
Ба мисли хуфтаморе дар камин аст.

Зафар, мотамсаро баҳри ҳасад бар,
Ба чашмаш шодмонӣ ҳам ғамин аст.

Ба бозоре, ки молаш фитна бошад,
Харидору харидораш ҳамин аст.

Гаҳе дар маҷлиси ёрони ҳамдил
Сияҳкоре ҳамеша ҳамнишин аст.

Чаро Муштоқ ин зумра мардум,
Ба мо якҷоя дар рӯи замин аст.

## ВАТАН

Ҳар ғариберо ғами баргаштан аст,
Фикри умраш дар Ватан бигзаштан аст.

Гар Ватан аз гӯшаи имон бувад,
Қиблагоҳи ҳар як одам меҳан аст.

Аз парешонӣ ҳама омад баҳам,
Сулҳи мо дар аҳду паймон бастан аст.

Мақсади деринаи аҷдоди мо
Васли худ бо асли худ пайвастан аст.

Бо шаҳомат дар Ватан рамзи Ватан,
Ҳайкали Сомонӣ дар шаҳри ман аст.

# О Р З У

Аё мурғи сабукболи гаронбор,
Нагашта хаста ту парвоз дорӣ.
Ба чашми зиндагӣ дида гаҳе нам,
Ба тори бенавояш роз дорӣ.

Дар ин дунёи ширини хаёлӣ,
Дар ин дунёи рангини хаёлӣ.
Дар ин дунёи сангини хаёлӣ,
Дар ин дунёи нангини хаёлӣ.
Парастуи хаёлам парфишон аст,
Барои ҳастияш бозии ҷон аст.

Парастуи хаёлам мезанад бол,
Раҳи парвози дури хеш кобам.
Бубинад то дар ин саҳрои сарсабз
Барои зиндагиам офтобам.

## СУХАН

Сухан дар зиндагонӣ раҳнамо аст,
Сухан андар замон мушкилкушо аст.
На кас ӯро харад, на кас фурӯшад,
Сухан чун дурру гавҳар бебаҳо аст.

Суханро ибтидову интиҳо аст,
Забони сарвару шоҳу гадо аст.
Набошад марҳаме заҳри суханро,
Ки захми ханҷари ӯ бедаво аст.

Сухан гаҳ душману гаҳ ошно аст,
Забондонро сухан доди Худо аст.
Набошад гар сухан набзи вуҷудам,
Чаро дунёи хомӯшон ҷудо аст?

Сухан сарчашмаи илҳоми мо аст,
Сухан ҳам пухтаву ҳам хоми мо аст.
Набошад лаҳни ширине ба ҷуз ӯ,
Чу шаҳди зиндагӣ дар коми мо аст.

## МУҲАББАТНОМА

Муҳаббат, аз азал ту бехазонӣ,
Ҷаҳон пир аст агар,ту навҷавонӣ.
Надорад зиндагӣ бе ту тароват,
Ба набзи зиндагонӣ ту равонӣ.

Муҳаббатбастагон ёри Худоянд,
Зи макру бухлу кин дуру ҷудоянд.
Ба ғайри он худои ломаконӣ
Дигар аз як гилу обу ҳавоянд.

Сари ҳар як қадам андеша дорам,
Ба хоки рафтагонам реша дорам.
Муҳаббат будааст оғозу анҷом,
Ман ин кори накӯро пеша дорам.

Муҳаббат киштаи парвардгор аст,
Саропо киштзораш пур зи бор аст.
Надорад мулки ӯ гармову сармо,
Тамоми фаслҳояш навбаҳор аст.

Муҳаббат зинда созад хуфтагонро,
Фараҳ бахшад ҳама ошуфтагонро ,
Самояш беғубор асту мусаффо,
Намояд суфтатар носуфтагонро.

Муҳаббат уқдаи дилҳо кунад боз,
Барад мурғи хаёли дил ба парвоз.
Нишинад ҳар куҷо, гулзор гардад,
Ба савташ булбулон гардад ҳамовоз.

Муҳаббат, синаҳо кошонаи туст,
Ба ҳар ҷо дил бувад, он хонаи туст.
Сувайдо қиссадони дарду ғамҳо,
Бигуфто: Доғи дил афсонаи туст.

Кунад хорат ҳар он кас, хор гардад,
Аз андӯҳи гарон бемор гардад,
Надонад гар касе қадрат, аё ишқ,
Бимонад бенавою зор гардад.

Муҳаббат, модари ғамхурдаи ишқ,
Ба ғамҳо мубтало, афсурдаи ишқ,
Хиёнатҳо дилам озурда карданд,
Туӣ, эй модари озурдаи ишқ.

Муҳаббат зодаи фасли баҳор аст,
Тароватбахши кишту сабзазор аст
Зи ашки файзбори абри найсон
Қадаҳбарсар шукуфта лолазор аст.

Муҳаббат, ту сияҳдилро сафо бахш,
Чу гулхан бар шабаш нуру зиё бахш,
Зи марзи сина бар ту рашку кинро,
Ба сарҳадбони дил аҳду вафо бахш.

Муҳаббат парчаме бар ошиқонӣ,
Чу рамзи ошиқон ту ҷовидонӣ.
Чу Муштоқ ар бисозам пайкари ту,
Ба бунёдаш саропо ҷисму ҷонӣ.

## СУБҲИ ТАРОВАТ

Биё, эй тозарӯ, субҳи тароват,
Зи шоми ғуссаҳо бо зебу зинат.

Надорам тоқати дарди ҷудоӣ,
Даме бо ҳам будан бошад ғанимат.

Намо рух, олами ҳусни дилоро,
Бигардон синаам пур аз муҳаббат.

Талаб дорам зи даргоҳат, азизам,
Кушо баҳри гадо домони ҳиммат,

Саногӯю дуохони ту бошам,
Фурӯзон гулхане бар шоми қисмат.

Гули мақсуди ман пайваста хандад,
Наям, Муштоқ, ман нолон зи қисмат.

## ТАРАҲҲУМ

Гар касе санг афканад бар сӯи мурғони Ватан,
Медарам аз ғуссаҳо пероҳани худро ба тан.

Хун ҳамегирям барои сарнавиштам дам ба дам,
Оҳу афғон мекашам бар сайди маҷрӯҳи чаман.

Мо, ки фарзанди замину бастаи як қисматем,
Аз қазо охир ба рӯзе мерасад тираш ба ман.

Ай камонвар, дасти худ аз қатли сайдат боздор,
Гар ту мардӣ, раҳм кун бар ҷони мурғони Ватан.

## САРВАРИ ИШҚ

Даме рафтӣ ту бе ман сӯи саҳро,
Маро дар шаҳри ман танҳо бимондӣ.
Насим овард аз ту бӯи гулҳо,
Ба ман заҳри ҷудоиро чашондӣ.

Нигар боре, ки ғам афзун ту кардӣ,
Ғарибам кардаӣ дар кишвари ишқ.
Иҷозат деҳ, ки оям бар дари ту,
Намо раҳме бароям, сарвари ишқ.

Сафар дорӣ раҳи дуру дарозам,
Ки дорад гарди меҳри ҷовидонӣ.
Бикун лутфе, ки побанди гудозам,
Нагардам гумраҳи роҳи ҷавонӣ.

## НАВРӮЗ ФАСЛИ ЗУДУДАНИ КИНАҲОСТ

Дар баробари чор унсур ва чор фасл Баҳору Наврӯз, ин ду вожаи мероси аҷдодӣ, тӯҳфаест аз офаридагори бузургу тавонманд. Агарчи зимистону тирамоҳу тобистон низ фаслҳои зебоянд, вале Баҳору Наврӯз фасли дигар аст. Фаслест аз ҷавонии ҷаҳони пир, фаслест аз фасли тозакориҳо, фаслест аз фасли гулҳо, фаслест аз фасли дилҳо, фасле аз фасли муҳаббат, фаслест аз фасли ҷилову ҷилваҳои рангу бӯ, фаслест аз фасли накҳатафшонию шукуфаҳо, фаслест аз фасли зудудани кинаҳо, фаслест аз фасли нигоҳҳои саршори меҳр.

Наврӯзи оламафрӯз замонест, ки ҳама мавҷудоти олам аз қафаси қалбҳо бурун ҷаставу дар фазои беолоиши баҳори тозаву нав бол афшонда, ба мавзеъҳои орому бегарду ғубору кин дида медӯзанд. Он мавзеъро ба такрор таҳқиқ ва бо лаҳни асроромези хеш аз Қудратофари Тавонманд илтиҷо менамоянд, то ки осоишу оромиши онҳоро бо тири ҷонситон, бо садои гӯшхарош, бо нигоҳи ғаразолуди кинаварзе халалдор насозад. Мурғакони муқимию роҳгузару мусофир аз оне, ки ба насли ояндасозу ҳарлаҳзаинаи онҳо рақибе таҳдид нанамояд ба қуллаҳои баланд, ба шухҳои дастнорасу дур аз чашми сайёдони бераҳм, дар баландиҳои дарахтони бузургсолу побарҷо лона месозанд. Бо ҳазорон умеду ормону орзу.

Аз гоми файзбори Наврӯз сардиҳо ба дуриҳо рафтаву парчами сапедадам пеш аз тулӯъи хуршеди ҷаҳоноро аз пирӯзию сафои баҳори нав одаму оламро огаҳ месозад. Майсаҳо сабзу маҳин, оҳанги табиат бедор, ёлаҳои сабзқабою пуштаҳо лолапӯш, дарахтон гулбасар. Ин замон такопӯи барраву бузғолаҳои навзод, сайругашти кӯдакони боиқболу хушбахт ва бо

лаҳни ширини кӯдакона қироат кардани шеър ба ҳусни тозабаҳори Наврӯзи Аҷам шаҳомату шукӯҳ мебахшад.

Ай Наврӯзи покниҳоду некпай, деҳқон бо умеди ҳосили хуб бардоштан донаҳои умеди хешро дар хоки файзбахш кишт мекунад, то ранҷаш самараи дилхоҳ бидиҳад. Аз ин лиҳоз, ай Наврӯзи оламафрӯз, саховати хешро ба мардум арзонӣ дор! Борони раҳмататро бифирист, то ки хони мавҷудоти олам аз нозу неъматҳо ғанӣ гардад.

Ай Наврӯзи меҳровару меҳрафрӯз! Қадамҳои хуҷастаи туро саравввал модарону бонувони поктинату боиффати Ватан эҳсос менамоянд, зеро гармии қалби эшон мисли гармии ту тозаву дигар аст. Майсаҳои гандум аввалан дар табақи меҳру муҳаббати онҳо бо омад – омади ту сабз мешавад. Маҳз онҳо беҳтарин ва хубтарин нигаҳдорандаи анъанаву урфу одатҳои ниёгонанд. Аз шабзиндадориҳои эшон, ба туфайли онҳо майсаҳои сабз ва нафаси гарми эшон беҳтарин ва лазизтарин анвои хӯрдании Наврӯз, рамзи Наврӯз – суманак пухта мешавад. Аз ин рӯ модарону занони олам ҳамсони фариштаҳоянд. Онҳо ҳар лаҳза бо тоату ибодат аз Офаридгори олам ваҳдату осоишро талаб намуда, дасти дуо мебардоранд.

Пас, ай Наврӯз, хуш омадӣ! Қадами муборaку сабзи ту ҳар баҳор ба мардум умеду орзуи тоза медиҳад. Бигузор гоми ҳуҷастаи ту ба онҳое, ки туро бо он бузургиву шаҳоматат ҷашн мегиранд, сарзабзиву иқбол биёрад. Ту он нидои Ҷамшедӣ, ки аз қаъри асрҳо пайғоми накӯи ӯро ба мо меорӣ. Ту он шукӯҳи давлати Оли Сомонро ба мо ҳадя меорӣ! Ҷашне ҳастӣ, ки аз гарду ғубори таърих бегазанду беосеб бар мо расидаӣ! Пас, қадами ту чӣ гуна муборак набошад?! Марҳабо, ай Наврӯз!

## СЕ ДАСТА ГУЛ

Баҳор, эй ҷашни мушкбезу атрогин. Эй фасли фараҳафзои олам, эй фасли гулу шукуфтанҳо. Ай фасли ишқ, меҳр, муҳаббати даҳр. Мубораки сафо, мубораки сапедадам бар шабҳои тор, мубораки гармию нармӣ бар сардиҳои сард. Мубораки гунаҳои сурх бар зардиҳои зард. Инак бар қалбҳои сарду сармохӯрдаи ҷаҳон хуршеди нурполо нурҳои зарҳаландуди хешро ба умеди эҳё чун нафаси гарми Масеҳо вуруд месозад, ба тадриҷ синаҳои яхин ба қалбҳои нарму гарми зиндагӣ мубаддал мегарданд. Набзи заифи дун оҳиста-оҳиста аз нуру зиё эҳё гашта, тавонмандиро касб мекунад. Ба умеди дидани сафои субҳ, ба умеди дидани офтоби оламоро. Табиат бо шукӯҳу шаҳомат ба гулдӯзӣ мепардозад. Ёлаҳои гулпӯши лолабатан, амвоҷи майсаҳо чун арӯсони навбахту наврахт ба дашту даман ҳусн меафзояд. Модарону хоҳарон ва бонувони гулрухи даҳр шояд ҳамқисмати баҳор бошанд.

Ай модар.

Эй хоҳар, эй бонуи хушхиром!

Магар ту дар ин фасл ба олами ҳастӣ дида кушодӣ? Зеро ки ту низ ҳамсону ҳамранг ва пурнакҳат чун баҳор офарандаӣ.

Бале, бале, Офаридгор ба ту ва баҳор чунин накӯкориро ҳадя намудааст. Ҳатто иди шумо бонувони моҳлиқо дар марҳалаҳои офариниш у нумӯи олам таҷлил мегардад. Аҷаб падидаи некӯст рӯзи модарон. Дар радифи Баҳору Наврӯз.

Баҳор, огаҳӣ, ки Наврӯзи Аҷам имсол шукӯҳи оламгирро касб кард? Зеҳни волои равшанзамирони

олам барои шаҳомати байналмилалӣ гирифтани Наврӯз маҳфил доир намуданд. Ва наврӯзи Аҷам Наврӯзи олам ном гирифт!

Акнун ман бо ифтихор се иди байналмилалӣ, се даста гули тару тозаи баҳориро ба модар, ба хоҳар, ба бонувон ҳадя мекунам. Иди баҳор, иди модар, иди Наврӯзи оламафрӯз муборак, эй ҳамватанон!

## МУНДАРИҶА

Самои дил........................3
Тоҷикистон.......................4
Лолаҳо.............................5
Номаи меҳр ......................6
Некном.............................7
Имшаб...............................8
Хирадпарвар.....................9
Ватан...............................11
Тифли шодӣ....................12
Қисмат ............................13
Ганҷи дунё.......................14
Шукр ...............................15
Олами нанг .....................16
Парвози хаёл ..................17
Дилобод ..........................18
Ашки ғам ........................19
Дубайтиҳо ......................20
Нидои гул....................... 22
Ёри ман .......................... 23
Баҳор асту биё,
бе ғам нишинем......... 24
Шоҳроҳи ваҳдат ............ 26
Ҳасад ............................. 27
Ватан ............................. 28
Орзу ............................... 29
Сухан ............................. 30
Муҳаббатнома ............... 31
Субҳи таровват................ 33
Тараҳҳум ........................ 34
Сарвари ишқ .................. 35
Наврӯз фасли
зудудани кинаҳост ..... 36
Се даста гул .................. 38

Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» ба табъ расид.

**Ҳоҷӣ Амруллоҳи Муштоқ**

**ҶОДАИ БАХТ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 17.12.2010 супорида шуд.
Чопаш 20.12.2010 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16
Ҷузъи чопӣ 5,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а